# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-О18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз руи диссертатсия оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

**Парвандаи аттестатсионии №____**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 11 июни соли 2024, таҳти №60**

Барои сазовор донистани Фарҳудинов Ҷамшед Исроилович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Диссертатсияи Фарҳудинов Ҷамшед Исроилович дар мавзӯи "Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар таърихи 15 январи соли 2024, суратмаҷлиси №50 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О18 – и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, Хиёбони Рудакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Фарҳудинов Ҷамшед Исроилович 5-июни соли 1986 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2004 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишкадади андоз ва ҳуқуқ дохил шуда Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистонро соли 2009 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Аз соли 2009 то соли 2015 дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси сармутахассиси шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавӣ фаъолият намуда, ҳоло ба ҳайси мутахассиси шуъбаи протокол дар Ҷамъияти саҳомии шакли пӯшидаи "Оксус капитал инвестментс" фаъолият менамояд ва аз соли 2020 то инҷониб унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи диссертатсия** "Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо Қарори Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ аз 28 марти соли 2020, №8 (19-20) тасдиқ шудааст. Диссертатсияи унвонҷуй дар мавзуи "Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷрои гардидааст. Диссертатсияи унвонҷуй дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳимоя тавсия дода шудааст (аз санаи 27.12. соли 2023, суратмаҷлиси таҳти №5).

**Роҳбари илмӣ:** Қурбонов Қобил Шарифбоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Аминова Фарида Маҳмадаминовна** – и.в. профессор, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;

- **Бобоев Ҷамрод Қурбонович** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

- **Муассисаи пешбар** – «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» (ш. Душанбе). Тақризи мусбати муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Меликов У.А. - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. профессори кафедраи ҳуқуқ (ихтиссос: 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Нодиров Ф.М. ва и.в. дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. дотсент Сафаров И.Д. имзо ва аз ҷониби Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С. санаи 06.05.2024 сол тасдиқ шудааст, қайд мегардад, ки рисолаи Фархудинов Ҷамшед Исроилович доир ба мавзӯи “Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷрои гардидааст. Диссертатсияи унвонҷуй дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳимоя тавсия дода шудааст (аз санаи 27.12. соли 2023, суратмаҷлиси тахти №5).

**Роҳбари илмӣ:** Қурбонов Қобил Шарифбоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Аминова Фарида Маҳмадаминовна** – и.в. профессор, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон;

- **Бобоев Ҷамрод Қурбонович** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

- **Муассисаи пешбар** – «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» (ш. Душанбе). Тақризи мусбати муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Меликов У.А. - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. профессори кафедраи ҳуқуқ (ихтиссос: 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Нодиров Ф.М. ва и.в. дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. дотсент Сафаров И.Д. имзо ва аз ҷониби Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С. санаи 06.05.2024 сол тасдиқ шудааст, қайд мегардад, ки рисолаи Фарҳудинов Ҷамшед Исроилович доир ба мавзӯи "Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва инчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамояд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади он дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯй аз руи мавзӯи диссертатсия:**
**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1–М]. Фархудинов, Ҷ.И. Оид ба баъзе масъалаҳои рушди муносибатҳои суғуртавии заминҳои таъиноти кишоварзӣ[Матн] / И.Ҷ. Фархудинов // Қонунгузорӣ. – 2020. – № 2 (38). – С.75-80. ISSN 2410-2903

[2–М]. Фархудинов, Ҷ.И. Мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн] / Ҷ.И. Фархудинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2020. – № 7 – С. 269-275. ISSN 2413-5151

[3–М]. Фархудинов, Ҷ.И. Нақши шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар рушди иқтисоди миллӣ [Матн] / Ҷ.И. Фархудинов // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – № 2 (51). – С. 198-204. ISSN 2664-0651

[4–М]. Фархудинов, Ҷ.И. Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ [Матн] / Ҷ.И. Фархудинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ) – 2022. – № 7. – С. 236-242. ISSN 2413-5151

[5–М]. Фархудинов, Ҷ.И. Роҷеъ ба баъзе масъалаҳои қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.И. Фархудинов, Қ.Ш. Қурбонов // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №8. – С. 252-259. ISSN 2413-5151

[6–М]. Фархудинов, Ҷ.И. Марҳилаҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ [Матн] / Ҷ.И. Фархудинов // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2023. – №3 (47). – С. 120-125. ISSN–2305-0535

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳо чоп шудаанд:

[7–М]. Фархудинов, Ҷ.И. Манфиати молу мулкӣ ҳамчун объекти шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ [Матн] / Ҷ.И. Фархудинов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи "Мушкилотҳои қонунгузории замин дар даврони муосир". – Душанбе, 2023. – С. 94-98.

[8–М]. Фархудинов, Дж.И. К вопросу об особенности договора страхования земель сельскохозяйственного назначения Республики Таджикистан [Текст] / Дж.И. Фархудинов // Материалы международной научно-практической конференции «XIII Ломоносовские чтения», посвященной 115-летию Академика Бободжона Гафурова. Часть II Гуманитарные науки (право, экономика) 28-29 апреля 2023 г. Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе / Душанбе, 2023. – С. 251-260.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ки ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муоивини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Каримов Абдулҳанон Қадимович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Қодиров Шодмон Қодирович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Русия ва Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти тавсиявӣ дошта пешниҳод шудааст. Аз ҷумла аз тарафи муаллифи диссертатсия дар масъалаи ба таври ҳатмӣ бастани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, пешниҳод шудааст, ки ин ҳолат як сарбории иловагиро ба хоҷагиҳои

кишоварзӣ зам намуда, эҳтимолияти баланд шудани молу маҳсулоти кишоварзиро дар бозорҳо ба миён биёрад.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74 –и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардиданд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз руи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногун кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- **коркард карда шуд:** институти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқи маданӣ бори аввал дар шакли маҷмуавӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ баррасӣ карда шудааст;

- **муайян карда шуд:** ҳангоми бастани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, бояд тамоми паҳлуҳои масъалаҳои мазкур дар шартнома, аз ҷумла тарифҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии қитъаи замин, ҳосилхезнокии қитъаи замин, устувории қитъаи замин, таркиби хок, ҳолатҳои гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, агрокимиёвӣ, экологию биологӣ, мелиоративӣ, фитосанитарӣ, геоботаникӣ, зиддиэрозиявӣ, болокушода ё болопӯшида будани қитъаи замин, шумораи умумии кормандон, шумораи умумии мутахассисони соҳа, вақтҳои оғоз ва анҷоми рӯзи кории кормандон, давомнокии мавсими корӣ, шумораи умумии техникаҳо, навъ, тамға ва механизмҳои онҳо, ҳолати техникии системаҳои ирригатсионӣ, насосҳои обкашӣ ва дигар хусусиятҳои муҳим ба инобат гирифта шаванд. Ҳамзамон ба суғурташаванда дақиқ ва шаффоф фаҳмонидани мавридҳое, ки ҳамчун ҳолати суғуртавӣ ҳисоб меёбанд, тарзи ҳисоб кардан ва амалӣ намудани пардохтҳои суғуртавӣ, муайян кардани ҳаққи суғуртаӣ ва дигар масъалаҳои муҳим.

- **пешниҳод шудааст:** зери мафҳуми суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, он муносибатҳои ҳуқуқие дар назар дошта мешавад, ки байни суғурткунанда ва суғурташаванда бо мақсади эмин нигоҳ доштани қабати ҳосилхези заминҳои таъиноти кишоварзӣ, риояи дурусти пеш бурдани корҳои агротехникӣ, гирифтани ҳосили дилхоҳ ва барқарор кардани зарар, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода, ҳодисаҳои табиӣ ё таъсири шахсони сеюм ба миён омадааст, тавассути меъёрҳои қонунгузорӣ ва шартнома ба танзим дароварда мешавад. Тазаккур бояд дод, ки мафҳумҳои "суғурта", "фаъолияти

суғуртавӣ”, “суғуртаи кишоварзӣ”, “суғуртаи замин” ва “суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ” бо хусусиятҳои бо худ хос аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Яъне, хусусиятҳои фарққунандаашон на танҳо дар объекти суғурта ифода меёбанд, балки дар шартҳои шартнома, маҷмӯи муносибатҳо, самти фаъолият ва дигар хусусиятҳояшон аз ҳамдигар тафовут доранд.

**- исбот шудааст:** фаъолияти хоҷагидорӣ, ки аслан дар заминаи истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ сурат мегирад, фаъолияти соҳибкорӣ ҳисоб меёбад. Бинобар ин, таҷрибаи қисми зиёди давлатҳо дар ин самт нишон медиҳад, ки аксарияти хоҷагидороне, ки ба фаъолити соҳибкорӣ дар самти истифодабарии заминҳои таъиноти кишоварзӣ машғул мешаванд, наметавонанд, фаъолияти соҳибкории худро идома диҳанд, то он вақте, ки онҳо имконияти ба дӯши ташкилоти суғуртавӣ гузоштани хавфро вогузор намоянд. Зеро ягон соҳибкор розӣ намешавад, ки маблағҳои калонро ба лоиҳаҳое, ки ҳоло мукаммал нашудаасту эҳтимолияти ба даст овардани фоидаро зери шубҳа меорад, сармоягузорӣ намояд. Танҳо пас аз пешгирӣ кардани зарарҳои иқтисодӣ аз ин ҳолатҳои ногувор соҳибкорон розӣ мешаванд, ки лоиҳаи хавфи соҳибкориро қабул намоянд.

**- ҷорӣ намудани:** дар доираи низоми суғуртакунӣ васеъ истифода кардани суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ аҳаммияти муҳим дорад. Зеро соҳаи кишоварзӣ чун дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар рушди иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ва расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ аҳаммияти муҳимро касб кардааст. Албатта эҳтимоли ба миён омадани хавфҳо дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ нисбат ба дигар самтҳои хоҷагии халқ хеле зиёд ба назар мерасад, ки дар баъзан маврид, иштирокчиёни ин муносибатҳоро чандон ҳавасманд намегардонад. Аммо корхонаву ташкилотҳои суғуртавӣ метавонанд, ки ҳангоми суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз мутахассисони соҳаи аграрӣ, аз ҷумла аграномҳо, хокшиносон, тухмипарварон, растанипарварон, агроэкологҳо, мутахассисоне, ки ба пешгӯӣ ва огоҳонидани организмҳои зарраррасон машғуланд, муассисаҳои илмӣ тадқиқотӣ ва озмоишгоҳҳои акредитатсияшуда ҳамкорӣ намоянд.

Дар сурати ҷалби муассисаҳои илми - тадқиқотӣ, мутахассисони соҳа ва гирифтани хулосаҳои дақиқи онҳо ҳангоми суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ эҳтимолияти ба дӯш гирифтани хавфҳо нисбатан кам гардида, аз натиҷаҳо ва хулосаҳои дақиқи мутахассисони соҳа иҷрои бандҳои муҳимми шартнома ва пардохтҳои маблағҳои суғуртавӣ вобастагии калон дорад. Гузашта аз ин, қабул гардидани қонуни махсус дар ин самт ва ворид намудани тағйиру иловаҳои зарури ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ба иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи аҳаммияти муҳим доранд. Зеро

механизми танзими ҳуқуқии ин муносибатҳо мукаммал гардида дар маҷмӯъ ба пешгирии ҳама гуна ҳолатҳои ногувор замина мегузорад. Ҳама гуна зараре, ки дар натиҷаи ба миён омадани ҳолатҳои фавқулода ба соҳаи хоҷагиҳои кишоварзӣ мерасад, ин на танҳо зарари хоҷагии кишоварзӣ, балки дар маҷмуъ, зарар ба соҳаи иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот ба он асоснок карда шудааст, ки** бори аввал масъалаи суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба таври муфассал таҳлил ва таҳқиқ карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ба даст оварда шудаанд, дар таҳқиқоти минбаъда суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ истифода бурда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар доираи рисола баён шудаанд, ба ташаккул ва рушди институти суғуртакунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд. Тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар таҳқиқот аз ҷониби диссертант манзургардида оид ба баланд бардоштани нақши суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ танзими он ва ҳалли муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ дар қонунгузорӣ ва амалия истифода шаванд. Ҳамзамон мавод, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд дар таълим ва рушди ҳуқуқи маъданӣ, ҳуқуқи кишоварзӣ, ҳуқуқи мурофиаи маданӣ ва иқтисодӣ, инчунин дар муассисаҳои усулҳои алтернативии ҳалли баҳсҳо, аз қабили судҳои ҳакамӣ ва муҳокимаи арбитражӣ байни хоҷагиҳои кишоварзӣ, ҳангоми навиштани рисолаҳо, монографияҳо ва дастурҳои илмӣ, дипломӣ, магистрӣ, корҳои курсӣ оид ба мавзӯи зикршуда истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** усуслҳои умумиилмӣ ва махсус, аз қабили усулҳои диалектикӣ, эмпирикӣ ва мантиқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихию ҳуқуқӣ ва ғайра ташкил медиҳанд. Усули диалектикӣ имкон додааст, ки масъалаҳои пайдоиш ва инкишофи институти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар муассисаҳои олии касбӣ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ инчунин усулҳои таҳқиқотии эмпирикӣ ва мантиқи истифода шудааст, ки он имкон дод, ки дар бораи суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳаматарафа, пурра ва объективона мавзуи таҳқиқшударо омӯхта баромада вазифаҳои гузоштташударо ҳал намояд.

Бо усули расмӣ-ҳуқуқӣ суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҳамчун меъёри иҷтимоӣ баррасӣ карда мешавад, ки ба танзими муносибатҳои муайяни муомилоти маданӣ равона шудааст. Бо усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ аҳаммияти институти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии хориҷӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Усули таърихию ҳуқуқӣ имкон дод, ки пайдоиш ва ташаккули институти

суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар марҳалаҳои гуногуни инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистони таърихӣ омӯхта шавад.

- **баён шудани** мафҳуми суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалияи судӣ пешниҳод гардидааст;

- **ошкор гардидани** хусусиятҳои муҳимми бастани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва нақши онҳо дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ;

- **омӯхта шудани** ҷорӣ гардидани институти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои таърихӣ, низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлатҳои хориҷӣ ва қонунгузории байналмилалӣ, кодификатсияи ғайрирасмии байналмилалии савдоӣ ва таҷрибаи судии давлатҳо;

- **такмил додани** қонунгузории маданӣ, кишоварзӣ, мурофиаи гражданӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба масъалаҳои суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзиро пешбинӣ менамоянд;

- **иҷозат додани** татбиқ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои кодификатсияшудаи ғайрирасмӣ, ки дар онҳо институти суғуртакунии байналмилалӣ савдоӣ ҷамъоварӣ гардидаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад, ки:** натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили объективона ва ҳамаҷонибаи таҳқиқоти назариявию амалӣ, ки бо паҳлуҳои гуногуни институти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм қабулгардида, муайян намудани он, таҳияи афкору тавсияҳои назариявию амалии рисоланавис, навоварии илмӣ ва тавсияҳо, таҳлили қонунгузории миллӣ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ алоқаманд аст, асос меёбад. Дар рафти таҳқиқот дар рисола чунин ақида ифода ёфтааст, ки шартҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба ҳар ду ҷониби шартнома, вобаста ба мавқеъ ва иҷрои вазифаҳояшон дар муносибатҳои суғуртавӣ гуногун мебошад. Барои мисол, суғурташаванда вазифадор аст, ки ба суғуртакунанда тамоми маълумотро вобаста ба қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ муфасал ва дақиқ пешниҳод намояд. Аз ҷумла, оид ба ҳолати мелиоративии замин, таркиби хок, мақеи ҷойгиршавии қитъаи замин, ҳосилнокии қитъаи замин дар як мавсими корӣ ва солҳои сипаришуда, зиротати кадом намуди маҳсулотҳои кишоварзӣ ба қитъаи замин ва иқлими он мувофиқ аст, кадом намуди доруҳои минералӣ дар қитъаи замин истифода шудааст, кадом намуди ҳодисаҳои табиӣ бештар ба қитъаи замин таъсири

манфӣ мерасонанд, аз кадом намуди ҳашаротҳо ва касалиҳои сирояти қитъаи замин ва маҳсулотҳои кишоварзие, ки дар он мерӯяд, хавфи бештар мавҷуд аст ва ғайра. Суғуртакунанда низ, дар навбати худ, вазифадор аст, ки қитаъи замини мазкурро пурра мавриди омӯзишу таҳлили иқтисодӣ қарор дода, хавфнокии онро муайян намояд. Дар сурати ба созиш омадану бастани шартнома суғуртакунанда вазифадор аст, ки пардохтҳои суғуртавиро сари вақт амалӣ намояд.

- **асоснок карда шудааст, ки** институти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар шароити муосир ва расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар аҳаммияти муҳим дорад;

- **офарида шуд**: қонунгузории маданӣ вобаста ба мазмун ва объекти шартнома шартҳои умумии муносибатҳоро муқаррар кардааст. Ба сифати шартҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ инҳо баромад мекунанд: ба инобат гирифтани қабати ҳосилнокии хок ва қитъаи замин; ба инобат гирифтани иқлим ва мавқеи ҷойгиршавии қитъаи замин; ба инобат гирифтани таъиноти замин (обӣ, лалмӣ, обёришаванда, болокушода, болопӯшида ва ғайра.); дуруст ва сари вақт пеш бурдани корҳои агротехникӣ; мавҷуд будани шиносномаи қитъаи замини таъиноти кишоварзӣ, ки дар он тамоми корҳои анҷомдодашуда расман қайд шудааст; истифодаи дуруст ва саривақтии механизмҳо ва техникаҳои кишоварзӣ; ҷалби саривақтии мутахассисон (аграномҳо), мавҷуд будани шумораи кофии кормандони хоҷагӣ (доимӣ ва мавсимӣ); ба инобат гирифтани ҳосилнокии қитъаи замин дар панҷ соли пеш аз бастани шартномаи суғурта; маълумот дар хусуси дар ҳолати корӣ қарор доштани таҷҳизотҳои ирригатсионӣ ва ғайра; гирифтани хулосаҳои дақиқи озмоишгоҳҳо оид ба таркиби хок ва ғайра.

- **муаррифӣ карда шуд:** суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, яке аз намудҳои суғуртакунӣ ба шумор рафта, ҳадафи ниҳоии ӯ самараноку оқилона истифода бурдани замин, истеҳсоли маҳсулоти гуногуни хоҷагии халқ, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти аз лиҳози экологӣ тоза ва содироти он ба кишварҳои хориҷӣ ва ҳифзи заминҳои корам аз ҳодиса ва хавфҳои гуногун.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** бо таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти ҷойдоштаи назариявӣ ва методологии паҳлуҳои гуногуни мавзӯи диссертатсия, мураттабсозӣ ва таҳлили натиҷаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва навгонии онҳо дар муқоиса бо натиҷаҳои дар илм ҷойдошта, таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва роҳҳои такмили истифода ва татбиқи одатҳо дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ асос ёфтааст.

- **муаллиф** мафҳумҳо, зарурият ва шартҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, нақш ва аҳаммияти институти мазкурро дар шароити муосир таҳлил ва пешниҳод кардааст.

- **пешниҳод шудааст, ки** тавсияҳои амалӣ оид ба рушд ва инкишофи институти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар самаранок истифода бурдани қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз ҷониби заминистифодабарандагон аҳаммияти муҳим дорад.

- назария дар асоси муқаррарот ва хулосаҳои мукаммали илмӣ, ки дар адабиёти илмӣ, қонунгузорӣ ва амалияи давлатҳои гуногун ва Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ паҳн гардидаанд, **асоснок карда шудааст.**

- ғояи мазкур ба натиҷаҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи илмӣ, маводи таърихию ҳуқуқӣ, маводҳои таҷрибаи судӣ, қонунгузорӣ ва амсоли судӣ **асос ёфтааст.**

- **истифода карда шуданд:** таҳқиқоти диссертатсионии мазкур се марҳилаи инкишофи қонунгузориро дар бар мегирад: 1) рушди муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ дар аҳди қадим; 2) рушди муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ дар давраи шуравӣ; 3) рушди муносибатҳои ҳуқуқии суғуртавӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот ба** сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқ карда мешавад. Дар баробари ин, услуби навиштан, ҳалли масъалаҳо ва услуби рисола саҳми шахсии муаллифи рисоларо инъикос мекунад. Дар рафти таҳқиқот дар рисола чунин ақида ташаккул ёфтааст, ки айни замон зарурати ташкил намудани заминаҳои ҳуқуқии рушду инкишофи институти суғурта дар заминаи хоҷагиҳои кишоварзӣ ба миён омадааст. Низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ки аз қисми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартнома иборат аст, ба таҷдиду такмил ниёз дорад. Дар низоми қонунгузории кишвар то ҳол санади меъёрии ҳуқуқии махсус, ки суғуртакунии соҳаи кишоварзиро бевосита танзим намояд, арзи вуҷуд надорад. Баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа суғуртакунии намудҳои алоҳидаи соҳаи кишоварзиро муқаррар кардаанд. Аммо механизми иҷрои меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур норавшан боқӣ монда, доираи маҳдуди ин муносибатҳоро дар бар мегирад. Дар рисола як қатор муқаррароти назариявӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 11-уми июни соли 2024 қарор қабул карда шуд, ки ба Фархудинов Ҷамшед Исроилович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд тасдиқ гардидааст, 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошад. Аз 13 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 13 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Назаров А.Қ.

11 июни соли 2024